Тақриз

ба автореферати диссертатсияи номзадии Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (вақҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Рустам Ваҳҳобзода, ки оғози фаъолияти шоириаш ба замони шуравӣ ва нашъу намои кори эҷодиаш ба замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд, дар рушди адабу фарҳанги миллӣ ва хусусан, лирикаи иҷтимоӣ саҳми назаррас дорад. Аз ин рӯ, ба сифати мавзуи диссертатсияи номзадӣ интихоб шудани масоили марбут ба лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода муҳим ва саривақтист, ки Миралиева Сарварбӣ Толибовна бар уҳда гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддиа, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёти марбути мавзуъ ва интишороти муаллиф иборат мебошад. Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба вақҳи интихоби мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, таҳлили ашъори иҷтимоию ватандӯстонаи шоир, мавзуъ ва муҳтавои асосии онҳо, маърифати бадеии шеърҳо, ҷилоҳои ҳунарӣ ва шахсияти сувари тахайюли эҷодкор андешаҳои нисбатан созгору судманд баён намудааст.

Ба назари мо, диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна аз чанд ҷиҳат аҳаммияти махсуси илмӣ дошта, арзиши назариаш дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда ва равиши таҳқиқи муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгуни таърихи адабиёти давраи навини тоҷик, хусусан, назми охири асри XX ва баррасии шеъри даврони Истиқлоли тоҷик, инъикоси ғояҳои баланди миллӣ дар лирикаи иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Аз тарафи дигар, аз маводи диссертатсия, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавон дар навиштани мақола, таълифи рисолаҳои илмӣ, таҳқиқи масъалаҳои ҷудогонаи шеъри муосири тоҷик,

таълифи китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик дар давраи нав, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрантҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳо истифода намудан аз манфиат холӣ нест.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Миралиева С.Т. маълум шуд, ки ин кори илмӣ-таҳқиқӣ аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, 3 бобу фаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода объекти таҳқиқ қарор гирифтааст. Маҷмуаҳои ашъори Рустам Ваҳҳобзода – «Калимаҳо» (1990) «Шаҳри Хуршед» (2008), «Салом» (2015), «Сарводаи Ватан» (2019) ва «Ҳазор байт» (2020) ба сифати сарчашмаҳои асосии таҳқиқ мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Диссертатсияи Миралиева С.Т. дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи монографӣ мебошад, ки дар он масъалаҳои алоқаманд ба лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода, аз ҷумла ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосии марбут ба ашъори шоир мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, дар ҷараёни таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс муайян карда шудааст, ки дар ашъори шоир масъалаҳои иҷтимоӣ ба таври барҷаста таҷассум ёфта, завқи баланди эстетикӣ, ҳунари шоирӣ ва сабки баён ба таври намоён зоҳир мегарданд.

Автореферати диссертатсияи мавриди назар аз чанд ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ буда, пеш аз ҳама, зимни таҳқиқу баррасии мавзуъ ва масъалаҳои асосӣ истиқлоли андеша ба мушоҳида мерасад. Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 7 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи Миралиева С.Т. мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияи ӯро инъикос намудаанд.

Бандубасти ва мухтавои автореферати мазкур ба талаботи фаннию сохтории кунунӣ ҷавобгӯ буда, дар баробари дастовардҳои зиёд дар автореферат норасоиҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд. Барои беҳбудии корҳои баъдии пажӯҳишии довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанд нуктаро зарур медонем:

1. Дар боби дуюми диссертатсия андешаҳои адабию эстетикии Рустам Ваҳҳобзода хеле кӯтоҳ баррасӣ гардида, ин бахш таҳқиқи фарогиртар мехоҳад.
2. Дар автореферати диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ (саҳифаҳои 3, 12, 16) пешниҳод мегарданд, ки рафъи онҳо боиси зиннати кор хоҳад шуд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Номзади илми филология,
ходими пешбари Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ
29-уми августи соли 2022. Ҳошимова Х.А.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Тел: (+992) 93-401-30-33.
E-mail: hurshedah@mail.ru

Имзои Х.А. Ҳошимоваро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти ба
номи Рӯдакии АМИТ
29-уми августи соли 2022. Нарзиқулова Ҳ.